АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ-РАВОНИИ ТАКМИЛИ МАЗМУНИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ЗИМНИ АМАЛИСОЗИИ НАВОВАРИҲОИ СОҲАИ МАОРИФ

Таҳти ин унвон 16 ноябри соли 2026 дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Конфронс бо сухани ифтитоҳии директори Пажӯҳишгоҳ Сирочиддин Ниёзӣ оғоз гардид. Мавсуф дар баромади хеш аз таъкидҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдоварӣ карда, иброз дошт ки: «Ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам». Қайд карда шуд, ки ин дастур масъулияти олимону муҳаққиқон ва кормандони соҳаи маорифро дар самти такмили мазмуни таҳсилот, татбиқи навовариҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия боз ҳам бештар менамояд.

Дар ҷараёни конференсия олимон ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психология масъалаҳои назариявию амалии навсозии мазмуни таҳсилотро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор доданд. Аз ҷумла, профессор Раҳимзода Хуррам дар мавзуи такмили мазмуни мундариҷаи фанни «Маориф» ва аҳамияти он дар омода намудани хонандагони синфҳои 10–11, профессор Иматзода Лутфия Маҳмадулло оид ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои педагогӣ ва Давлатзода Сарвиноз Давлат доир ба татбиқи навовариҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ибрози назар намуданд.

Дар маърузаҳо ба масъалаҳои мутобиқсозии мазмуни таҳсилот ба талаботи замони муосир, истифодаи технологияҳои фаъоли таълим, такмили фаъолияти касбии омӯзгорон ва таҳкими робитаи назария бо амалияи педагогӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Ҳадафи асосии чорабинӣ баррасии масъалаҳои мубрами такмили мазмуни таҳсилот, асосҳои педагогию равонии татбиқи навовариҳо, рушди технологияҳои муосири таълим ва муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, иштирокдорон доир ба зарурати асосноккунии илмии навовариҳои таълимӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти педагогию психологӣ дар амалияи муассисаҳои таълимӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ мубодилаи афкор намуданд

















